«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ______________**
**«07» ____07________ соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикситон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Юсуфзода Фаридун Асадулло доктори фалсафа (PhD), назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Юсуфзода Фаридун Асадулло соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи муқаррарӣ соли 2015 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ номбурда соли 2017 барои идомаи таҳсил ба шӯъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2018 хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10.10.2018 №492-05 ба ҳайси докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтисоси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 09.01.2021 №309-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07 декабри соли 2018 № 4 (18-19) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, № 8 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2025 №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад ва он ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ

ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои назариявии таснифи проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Қонуни ҷиноятии кишварамон дар асоси қ.4 моддаи 78 КҶ ҶТ пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, эҳтимолияти аз тарафи суд озод кардани зани маҳкумшударо аз адои ҷазо ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намуданро пешбинӣ намояд ҳам, аммо дар он гуфта намешавад, ки суд доғи судиро мебардорад. Аз ин рӯ, чунин пешниҳод дорем, ки қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул карда шавад: “4) Пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот

кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ва доғи судиашро бардорад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъиншуда фиристад”. Ин аз хислати инсондӯстона доштани қонуни ҷиноятӣ гувоҳӣ дода, зани кӯдаки хурдсол доштаро, ки дар таълиму тарбияи ӯ машғул хоҳад буд, аз маҳдудиятҳои ба доғи судӣ алоқаманд озод хоҳад намуд.

2. Бо назардошти муқаррароти бандҳои “а” ва “б” қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти “Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад” бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд.

3. Пешбинӣ намудани муқаррарот ба моддаи 76 КҶ ҶТ оид ба пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардани шахсони ба ҳабси абадӣ маҳкумшуда, ба шарте ки ақаллан 25 сол ҷазоро адо карда бошад, мувофиқи мақсад хоҳад буд. Ин аз сатҳи баланди гуманизатсияи қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, ба маҳкумшуда имконияти нав барои пешбурди ҳаёти солим медиҳад. Бисту панҷ сол адои ҷазо намудан худ гувоҳи ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ ва ислоҳ шудани маҳкумшуда мебошад.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз рӯи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои чазои ҷиноятӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1, 25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи**

**Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Юсуфзода Ф.А. Мафҳуми доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №1 – С. 221-227; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Юсуфзода Ф.А. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №2 – С. 223-228; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Юсуфзода Ф.А. Доғи суди ҳамчун асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 103-107. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4-М].** Юсуфзода Ф.А. Оқибатҳои умуми ҳуқуқии доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 628–634.

**[5-М].** Юсуфзода Ф.А. Масоили доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 170-171.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи доктoранти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи доктoранти фалсафа (PhD) Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад. Хулоса дар

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 03 июли соли 2025, №9.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва**
**муқовимат бо коррупсияи факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«03» 07 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj